**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи АКРАМОВ АБДУҲАЛИМ ХОЛОВИЧ дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст**

Селексия ва тухмипарварӣ омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи картошкаправарӣ ба шумор меравaнд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва тухмии баландсифати картошка, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои парвариши навъу дурагаҳои оядадор ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, баҳри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, нақши муҳимро бозанд. Вале, то кунун масъалаҳои таъсири омилҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои кухӣ ва наздикӯҳии кишварамон ба хусусиятҳои рушду сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои гуногуни картошка пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои зерин дар шароити кӯҳии минтақаи Рашт бахшида шудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии унвонҷу Акрамов А.Х. дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ навъи картошка Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворӣ ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд, интихоб намуда ба истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯй собит менамояд, ки ҳар як навъи картошка потенсиали биологии худро барои ҳосилнокӣ вобаста ба шароитҳои минтақаи парвариш ба таври гуногун нишон медиҳад. Аз байни навъҳои омӯхташудаи картошка навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз ҳосилнокии баланд нишон дода, нисбат ба ҳосилнокии навъи назоратии Жуковский ранний 12,1 т/га (9,7%), 6,8 т/га (8,3%), 6,1 т/га (8,1%), ва 4,4 т/га (7,7%) зиёд буда, ин навъҳоро ҳамчун навҳои оядадори картошка интихоб намуда, ба истеҳсолот пешниҳод менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 2 мақолаи илмӣ дар Конференсияи байналмиллалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

Автореферати Акрамов Абдуҳалим Холович дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.05 -Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ,
директори Маркази биотехнологии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Х.И.Бобоҷонова

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Маяковский 22, х.30.
Тел: (+992) 907-56- 67-77. E-mail: bobojankh_7@bk.ru

Имзои Х.И.Бобоҷонова-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Шодихонзода

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдаки 17.
Тел: (+992 37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj
29.09.2025